## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич ««Садои мардум» ҳамчун нашрияи парламентӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич ба таҳқиқу баррасии нахустин ва ягона нашрияи парламентии Тоҷикистон – рӯзномаи «Садои мардум» бахшида шудааст.

Диссертатсия аз нигоҳи интихоби мавзуъ муҳим ва ҷолиб аст, зеро дар низоми матбуоти даврии тоҷик «Садои мардум», аз як тараф, аввалин нашрияи парлумонӣ маҳсуб меёбад, ки то ҳол дар шакли кори диссертатсионӣ таҳқиқ нашудааст, аз тарафи дигар, бо равишҳои илмии хос муайян кардани омилҳои пайдоиш, раванди ташаккул ва марҳалаҳои фаъолияти ин нашрия бо назардошти вижагиҳои шакливу мундариҷавӣ ва жанрии он ҷолибу аҳаммиятнок аст.

«Садои мардум» дар ибтидо ҳамчун органи Совети Олии РСС Тоҷикистон ва имрӯз чун нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи миллату давлат қарор дорад. Ин нашрияи даврӣ дар тули фаъолияти беш аз сисолаи худ дар фазои иттилоотии кишвар, хусусан байни аудиторияи ниҳодӣ мавқеъ ва нуфузи шоён пайдо кардааст. Он дар тули сию панҷ соли фаъолият омилҳо ва вижагиҳои зиёди касбиву эҷодиеро дар худ ташаккул додааст, ки барои таҳқиқи диссертатсионӣ басандаву арзанда аст.

Ба ин мазмун, аҳаммияти кори диссертатсиониро дар ду ҷиҳат метавон махсус арзёбӣ намуд. Ҷиҳати аввал хусусияти таърихӣ дошта, барои фаҳмидан ва донистани омилҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва касбии таъсис ва нашри рӯзнома, ташкили кор ва марҳалаҳои рушди фаъолияти он ёрии илмӣ мерасонад. Ҷиҳати дигар, сирф рӯзноманигорӣ буда, аз муносибати публитсистикашиносии муаллиф дар шинохти вижагиҳои нашрия, амсоли рӯзномасозӣ, шаклу ороиш, мавзуву мундариҷа, матну жанр ва амсоли ин дарак медиҳад.

Диссертант сабабу омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва инсонии таъсиси

нахустрӯзномаи парлумонии Тоҷикистон – «Садои мардум»-ро бо зикри асноди ҳуқуқӣ, таърихӣ ва адабиёти илмиву оммавӣ баррасӣ намуда, истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун омили аслии таъсиргузор дар ташаккули нашрия донистааст, ки илман ва мантиқан дуруст аст. Ҳамчунин, диссертант бо истифода аз методҳои таҳлили анъанавӣ, контентӣ ва шарҳу тафсири оморӣ хусусиятҳои мавзуиву жанрӣ, маводди рӯзноманигориву ғайрирӯзноманигорӣ, таносуби воқеияту бадеият дар асарҳои публитсистии нашрияро илман муайян кардааст, ки қобили мулоҳиза аст.

Ин кори диссертатсионӣ дар илми рӯзноманигории тоҷик таълифоти ҷудогона ва мустақил буда, натиҷаҳои таҳқиқ ва хулосаҳои пешниҳодшуда донишҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалиро доир ба таърихи муосири матбуоти даврии тоҷик, қонунмандиҳои рӯзнома ва рӯзномасозӣ, вижагиҳои нашрияи парлумонӣ, роҳу усулҳои инъикоси воқеаҳои сиёсиву иҷтимоӣ, нақши нашрияи парлумонӣ дар интишори матни қонунҳо, шарҳу тавзеҳи онҳо, шеваи истифодаи жанрҳои публитсистӣ ва маҳорати муаллифон дар инъикос ва тасвири фаъолияти парлумон ва намояндагони он меафзояд. Маводди диссертатсияро метавон ҳангоми таълифи рисолаҳои илмӣ, ташкилу баргузории семинару модулҳои тахассусӣ дар самти рӯзноманигории парлумонӣ, рӯзноманигорӣ ва сиёсат, ҳамчунин таҳияи китобу дастурҳои таълимӣ истифода кард.

Диссертатсия дар маҷмуъ ба талаботи банди 31, 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он дорои мазмун ва мантиқи том аст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро сатҳи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимояи такрорӣ пешниҳодшуда ва ба таври мустақил ифода шудани дидгоҳи ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ тасдиқ мекунанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 2 конференсияи илмиву амалии ҷумҳуриявӣ, 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4

мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфта, ба мазмун ва мавзуи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия аст. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводди чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд. Дар диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ инъикос ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ муайян карда шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ ба ҳимояи такрорӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи ««Садои мардум» ҳамчун нашрияи парламентӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимояи такрорӣ қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки ба ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Салимзода Олим** – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи реклама ва робита бо ҷомеаи факултети журналистикаи Муассисаи таълимии

байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон»;

– **Расулзода Комрон Бахтиёр** – номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедраи рӯзноманигории факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода»** пешниҳод мегардад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимояи такрорӣ, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — Азимов А.Х.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ — Бозорзода Н.Ш.

номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи журналистикаи
байналхалқии факултети журналистикаи ДМТ — Якубов Ҷ.Н.

«07» __09__ соли 2026.